**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст. – Душанбе, 2026. – 370 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Низоми таълиму тарбия ва таҳқиқи роҳу усулҳои навини инноватсионӣ баҳри боло бурдани сифати таълиму тарбияи насли наврас кӯмак мерасонад. Мушкилоти таълиму тарбияи насли наврас дар ҳамаи марҳилаҳои таърихию иҷтимоии рушди ҷомеа дар маркази таваҷҷуҳи низоми маорифи кишвар ва олимони соҳаи педагогика қарор дошта, чи дар осори илмию бадей ва чи дар мероси педагогикаи мардумӣ арзишҳои миллии бо мурури солҳо сайқалёфта нақши асосиро мебозад.

Таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, иҷро карда шуда, ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла, ба банди 3 – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), банди 5 – «Назария ва консепсияи тарбия (шароити иҷтимоию фарҳангии тарбия; қонуниятҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба воя расидан; асосҳои арзишии бунёди раванди тарбия, низомҳои педагогии тарбия) мутобиқат мекунад.

Муҳтаво ва равиши таҳқиқот низ ҷавобгӯи талабот ва меъёрҳои муайяннамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Бояд зикр кард, ки таҳқиқ дар доираи шиносномаи ихтисоси мазкур тамоми унсурҳои зарурии назариявӣ ва амалӣ, аз ҷумла, методологияи таҳлил ва таҳқиқоти муқоисавиро фаро гирифтааст. Муҳаққиқ дар кори илмии худ ба баррасии васеи адабиёти

назариявӣ ва таърихӣ пардохта, асосҳои назариявии мавзуъро ҳамаҷониба тавзеҳ додааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Муаллиф мубрамӣ ва муҳиммияти таҳқиқоти хешро дар омилҳои зерин медонад:

- кофӣ ва ба талаботи низоми таълиму тарбияи муосир ҷавобгӯ набудани ҷанбаҳои назарӣ ва методологии истифодаи анъанаҳои халқи тоҷик дар мисоли хислатҳои хуҷаста: ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ҳангоми баргузории машғулиятҳо дар зинаи аввали таҳсил (синфҳои 1-4);
- арҷ гузоштан ва гиромӣ доштану бомаврид истифода бурдани мероси фарҳангии ниёгон вобаста ба синнусол ва дарку фаҳмиши шогирдони хурдсол дар даврони истиқлолият;
- муҳим ва мубрам будани ғояҳои судманду ибратбахши мероси фарҳангии мутафаккирони барҷаста баҳри эҳё намудани хислатҳои инсондӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ дар замири шогирдони хурдсол;
- ҳангоми баргузории ҳар як машғулият ва ҳар як мавзуъ мавриди истифода қарор додани арзишҳои миллӣ ва суннатҳои мардумӣ.

Хулоса, аз як ҷониб, мубрамӣ, аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии масъалаи баррасишаванда ва аз ҷониби дигар, ба таври кофӣ мавҷуд набудани таҳқиқот дар самти истифодаи нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевнаро асоснок менамоянд.

**Дараҷаи навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Кори довталаб дорои навгонии хуби илмӣ мебошад, ки онро дар якчанд ҷанбаи муҳим метавон арзёбӣ кард:

- масъалаи ташаккули тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар арзишҳои миллии халқи тоҷик инъикос гардад;
- равишҳои консептуалӣ ва тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи мафҳумҳои «ватандӯстӣ», «сулҳдӯстӣ» ва «таҳаммулпазирӣ» таҳия карда шудаанд;
- мавриди истифода қарор додани роҳу усулҳои навини инноватсионӣ дар ҳаллу фасли мавзуи таҳқиқот ва манбаъҳои ёрирасон.

Навгонии илмии таҳқиқот дар муқаррар намудани аҳамияти нақши анъанаҳои халқи тоҷик ва зарурати истифодаи онҳо дар ташаккул ва рушди ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони

синфҳои ибтидоӣ зуҳур меёбад.

Навгониҳои асосие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳашт банд пешниҳод шудаанд, дар баробари бархурдорӣ аз тозагӣ, муҳимму мубрам будан, инчунин, ҷусторҳову ковишҳои дақиқи муаллифи диссертатсияро шарҳу тафсир мекунанд, ки дар асоси мутолиаи пурра ва амиқи осори мавриди таҳқиқи ӯ ба даст омадаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» аз нигоҳи эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ дар сатҳи баланд қарор дорад. Таҳқиқоти пешниҳодшуда аз нуктаи назариявӣ ва методологӣ ҷиҳати муққарарот бо асоснокии худ мувофиқ, бо мавзуъ ва предмети таҳқиқот комилан муносиб буда, ба истифодаи самараноки «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» мусоидат мекунанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ таҳқиқоти диссертатсионии худро ҷиҳати асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия дарҷгардида чунин исбот кардааст:

- бо равишҳои назарӣ ва методологӣ, асоснокии онҳо ва мувофиқат доштан ба проблемаи илмӣ ва мавзуи таҳқиқот;

- раванди таълим ва тарбияи синфҳои ибтидоӣ зимни ғояҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар асоси анъанаҳои халқи тоҷик;

- дар асоси таҷриба, мушоҳида ва озмунҳо, васоити дигари санҷиш, таҳлил ва ҷамъбаст ноил гардидан ба таълиму тарбияи ахлоқӣ, ватандӯстӣ, сулҳдустӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

- ба инобат гирифтани дараҷаи дарку фаҳмиши ҳар як хонанда, ки фаъолиятнокӣ ва рағбати онҳоро ба таълиму тарбия афзун менамояд, зимни таълими инсоншиносӣ басо муҳим ва муфид аст;

- дар раванди таълим ва тадриси инсоншиносӣ, бахусус, зинаҳои ибтидоии таълим, ба инобат гирифтани хусусиятҳои педагогӣ ва равонии атфол муҳим мебошад; лозим меояд, дар синфҳои ибтидоӣ консепсия оид ба тарбияи арзишҳои ахлоқии хонандагонро таҳия ва татбиқ шавад, ки масоили зерин матраҳ ва ҳаллу фасл гардад:

а) дар ниҳоди атфол парваридани сифатҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ зимни арзишҳои суннатии мардумӣ, чун зарурати таҳсилоти бефосила барои ашхос;

б) падид овардани фазои умумимактабии меҳру муҳаббат, ҳамдигарфаҳмӣ ва ёрии ҳамдигарӣ;

в) рушди шуури ахлоқии фарҳанги воло ва рафтори шоистаи шогирдон зурурати риояи коидаҳои фарҳанги нутқ ва пазируфтани ғояҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, арҷгузорӣ нисбат ба таъриху фарҳанги гузашта ва имрӯзаи халқи хешу эҳсоскунандаи ҳисси ифтихори миллӣ.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бар пояи таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи мушкилоти мавҷуда асос ёфтаанд. Ин таҳлил бо истифода аз нуқтаҳои назари таҳқиқоти бунёдии педагогию психологӣ ва методологӣ анҷом дода шудааст, ки ба таври мукаммал дарки масъала ва роҳҳои ҳалли онро фароҳам меорад. Натиҷаҳои бадастомада бо муваффақият дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ карда шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки таҳқиқот на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок аст, балки дар амал низ самарабахш мебошад.

Арзиши баланди таҳқиқот дар он аст, ки он ба таври амиқ ва ҳамаҷониба масъалаи муҳимро омӯхта, усулҳои муосири таҳқиқотиро истифода бурда, дар амал натиҷаҳои мусбат нишон додааст.

Аз ин рӯ, бо дарназардошти ҳамаи ин омилҳо, метавон хулоса кард, ки натиҷаҳои дар диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна бадастомада эътимоднок, дуруст ва ба таври кофӣ асоснок мебошанд. Онҳо метавонанд ҳамчун заминаи боэътимод барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ ва таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи педагогика ва илми кишвар хидмат кунанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии он муайян карда шудаанд.

Диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» дар ҳаҷми 370 саҳифа бо сохтори иборат аз муқаддима, 4 боб, 12 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аз 478 номгӯй, 3 диаграмма ва 8 ҷадвал таҳия гардидааст.

Асосҳои методологӣ, марҳилаҳо ва усулҳои таҳқиқот муайяншуда, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд. Довталаби дараҷаи илмӣ кӯшиш кардааст, ки тамоми таҳқиқоти пешинро, ки ба мавзуи мавриди баррасӣ иртибот доранд, ҷудогона тасниф намуда, муҳтавои онҳо ва мавқеи ҳар як пажуҳишро дар робита ба масъалаи таҳқиқ муайян ва ошкор созад.

Боби якум **«Хусусиятҳои назариявию методологии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои халқию педагогикаи миллии тоҷикон»** номгузорӣ гардида, аз се зербоб иборат мебошад. Зербоби якум «Асарҳои мутафаккирон ва педагогикаи халқӣ дар тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ», зербоби дуюм «Моҳияти иҷтимоии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» ва зербоби сеюм «Мавқеи мавзуи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар стандартҳои таълимӣ, барномаҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳои тарбиявӣ» номгузорӣ карда шудааст.

Дар боби мазкур қайд гардидааст, ки дар замони ҳукмронии Иттиҳоди Шуравӣ, тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни анъанаҳо ва педагогикаи халқи тоҷик аз байн рафта буд. Аммо, имрӯзҳо талабот ба эҳёи педагогикаи халқӣ, мулоҳиза ва барқарорсозии тарбия дар асоси анъанаҳои халқӣ, ки метавонад худвижагӣ ва зеҳнияти мардуми тоҷикро ҳифз намояд, ба таври ҷиддӣ эҳсос мегардад. Ин бори дигар мубрамии мавзуи муайяншудаи таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ мекунад. Ҳамчунин, нуқтаи назар ва мавқеъҳои гуногуни олимон – омӯзгорону психологҳо мавриди таҳлил карор дода шудааст, ки мавзуи таҳқиқ салоҳиятҳои асосӣ, моҳият ва вижагиҳои онҳо мебошад.

Боби дуюм ки **«Истифодаи воситаҳои ҳамгироии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои халқи тоҷик»** ном дорад. Боби мазкур аз се зербоб иборат мебошад. Зербоби якум «Тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ» номгузорӣ гардидааст. Зербоби дуюм ба таҳлили «Аҳаммияти ҳамкории педагогӣ дар тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ» бахшида шудааст. Дар зербоби сеюм сухан дар бораи таъсири тарбияи дастаҷамъӣ дар тарбияи мафҳумҳои асосии ахлоқии

хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ меравад.

Боби сеюми диссертатсия ба корҳои **«Истифодаи усулҳо ва воситаҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси мероси анъанаҳои халқи тоҷик»** бахшида шудааст ва аз се зербоб: «Восита ва усулҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси ғояҳои классикони адабиёти тоҷику форс ва анъанаҳои халқӣ»; «Тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълиму тарбия»; «Фаъолияти роҳбари синф оид ба тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» иборат мебошад.

Боби чорум **«Ҳамкории ҷомеа, муассисаи таълимӣ ва оила дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ»** номгузорӣ гардида, аз се зербоб иборат мебошад. Зербоби якум «Аҳаммияти муассисаҳои беруназмактабӣ дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ», зербоби дуюм «Таъсири ҷомеа, муассисаи таълимӣ ва оила ба тарбияи сифатҳои асосии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ҷараёни тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ» номгузорӣ гардида, зербоби сеюм ба ҷамъбасти корҳои таҳқиқотию озмоишӣ бахшида шудааст.

Ба андешаи мо, тавсифи муфассали озмоиши ташкилнамудаи муаллиф хеле арзишманд аст. Муаллифи диссертатсия қисми озмоишии таҳқиқотро бо диаграмма ва ҷадвалҳо ғанӣ гардонидааст, ки бисёр аҳаммиятнок буда, натиҷаи корҳои озмоиширо ба таври аёнӣ нишон медиҳад. Натиҷаҳои корҳои озмоишии дар диссертатсия тавсифшуда оид ба самаранокӣ ва мувофиқи мақсад будани истифодаи корҳои анҷомдодашуда дар фаъолияти амалӣ шаҳодат медиҳанд.

Хулоса аз 16 банд иборат буда, тавсияҳои амалӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқот хеле арзишманд мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» дар он аст, ки таҳқиқоти мазкур ба назария ва амалияи педагогика дар таълиму тарбияи насли ояндасоз саҳми арзишманд мегузорад.

Аҳамияти илмӣ. Дар замони ҳозира ва ҳаёти оянда, ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ниҳоят муҳим аст. Аз ин рӯ, ин таҳқиқот метавонад роҳҳои навро барои истифодаи самараноки анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ пешниҳод намояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ба рушди илми педагогика, бахусус самти назария ва методикаи таълиму тарбия, саҳми босазо мегузоранд.

Аз ҷиҳати амалӣ, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд барои омӯзгорон, бахусус, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, мураббияҳои муассисаҳои томактабӣ, методистон ва кормандони соҳаи маориф дар таҳияи барномаҳои таълимӣ-тарбиявӣ, воситаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ-тарбиявӣ ва маводҳои таълимӣ истифода шаванд. Илова бар ин, таҳқиқот метавонад барои ташкили курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар самти нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муфид бошад.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, таҳқиқот метавонад ба баланд бардоштани сатҳи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагон ва ҷомеа мусоидат намояд.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна ба ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни истифодаи анъанаҳои халқи тоҷик мусоидат намуда, ба татбиқи муқаррароти Стратегияҳои миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мусоидат хоҳад кард.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мавҷудияти интишороти зиёд аз рӯйи мавзуи диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» гувоҳи фаъолияти баланди илмӣ-таҳқиқотӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада мебошад.

Махсусан, бояд қайд кард, ки нуктаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқот дар 6 монография, 36 мақолаи илмӣ ба табъ расидаанд. Аз ин теъдод, 25 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар маҷмуъ, шумораи зиёд ва сифати интишороти Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна аз рӯйи мавзуи диссертатсия далели пуррагӣ, асоснокӣ ва аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти ӯ буда, ба дарёфти илмии доктори илмҳои педагогӣ ба таври комил мусоидат менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**. Тартиби таҳияи диссертатсия мутобиқ ба талаботи Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ – доктори фалсафа (PhD), номзади илм ва доктори илм таҳия шудааст.

Матни диссертатсия мутобиқ ба муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст равон, дақиқ ва бо забони тоҷикӣ ба таври босаводона таҳия гардида, сохтори он, ҷойгиркунии қисмҳои гуногун, пайвасти мантиқӣ ва муттасилии маводи илмӣ пурра риоя шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Автореферат ва корҳои нашршудаи муаллифи диссертатсия ба дараҷаи кофӣ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

**Эроду тавсияҳо оид ба диссертатсия.** Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои техникӣ, имлоӣ, оморӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Пеш аз ҳама мавзуи диссертатсия аз ҷиҳати дарку фаҳмиш ва хусусияти психологӣ ба синфҳои ибтидоӣ он қадар рабт надорад. Масалан, таҳаммулпазирӣ ва сулҳпарварӣ, ки ба насли синнусолан комилтар мутааллиқ аст.

2. Шахсе бояд оид ба синфҳои ибтидоӣ таҳқиқот барад, ки солҳои зиёде ба ҳайси омӯзгори ҳамин синфҳо кор карда бошад, таҷрибаи хуби педагогӣ дошта бошад, на ду ё се сол. Зеро синфҳои ибтидоӣ мушкилот ва муаммоҳои зиёде дорад, ки бевосита таҷрибаи тӯлонии педагогиро тақозо дорад.

3. Дар диссертатсия корҳои таҳқиқотии дигар олимони ҳамин соҳа (ба ҷуз Лутфуллозода М., Нуров М. ва Маҷидова Б.) анқариб таҳлил ва арзиши онҳо муқаррар нагардидааст.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикргардида, дар маҷмуъ аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, ки дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав»: Абдураҳимзода Қудратулло Саид

*Имзои профессор Қ.С. Абдураҳимзодаро тасдиқ менамоям:*
Сардори ШК ва КМ-и МДТ-и
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав»: Исҳоқзода М.М.

*Суроға*: 735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Тел.+(992)3233-25481. Моб.918274643.
E-mail: abdusamad06@mail.ru

«6» 07 2026 с.